# Ҳуҷраҳои нозирони минтақавӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| | | |
|---|---|---|
| Шоҳмансур -1ш.Душанбе, кӯчаи Валаматзода 12 | Розибукова Сарвиноз | Тел: (+992) 93-102-51-11 |
| Шоҳмансур-2 ш.Душанбе, кӯчаи Бустон 1 | Муродалиева Манзура | Тел: (+992) 93-922-34-37 |
| Фирдавсӣ-1 ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоева 44 | Давлатова Тахмина | Тел: (+992) 905-55-23-74 |
| Фирдавсӣ-2 ш.Душанбе, кӯчаи Р.Амакиев,гузаргоҳи 4- ум,иморати 20-ум | Наимова Фирӯза | Тел: (+992) 903-33-44-63 |
| Сино-2,ш.Душанбе, кӯчаи Н. Махсум 95/1 хуҷраи 1 | Сафаралиева Лола | Тел: (+992) 93-922-36-58 |
| Н.Ҷайҳун, шаҳраки Дӯстӣ, кӯчаи 1-ум | Исмоилова Лола | Тел: (+992) 93-398-46-46 |
| ш. Бохтар, кӯчаи Борбад 7 | Сафарзода Гулбахор | Тел: (+992) 93-766-65-56 |
| н.Дусти, кӯчаи Рудакӣ | Шарифзода Гулбозор | Тел: (+992) 777-07-35-55 |
| ш.Кулоб, маҳаллаи ш.Шоҳин 8 | Сангова Мадина | Тел: (+992) 918-89-19-71<br>8-332-22-46-72 |
| ш.Хуҷанд, кӯчаи К.Хучандӣ 2 | Муминова Манзурахон | Тел: (+992) 987-80-78-52 |
| Ш. Исфара, ҷамоати деҳотӣ Чоркух, кӯчаи Сари бозор | Саидова Одина | Тел: (+992) 92-949-32-92 |
| ш. Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ 130 | Бобокалонова Мухайё | Тел: (+992) 93-992-31-23 |
| ш.Хоруғ, кӯчаи Ленин | Азичаева Сабзина | Тел: (+992) 93-555-35-34 |
| н.Рашт, шаҳраки Ғарм, кӯчаи И. Сомонӣ 36 | Носирова Зарина | Тел: (+992) 918-32-75-28 |

# Ҳуҷатҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила

| | | | |
|---|---|---|---|
| Таваллудхонаи №2 | ш.Душанбе, кӯчаи Хусейнзода 8 | Нурматова Зарина | Тел.: (+992) 918-7122-21<br>(+992 37) 23-02-84 |
| Маруази миллии Тибӣ | ш.Душанбе, кӯчаи И.Сомонӣ 59 | Давлатов Сулаймон Табарович | Тел.: (+992) 902-22-04-02 |
| Маҷмааи тиббии“ Истиқлол”, бинои 6Б, ошёнаи 7 | ш.Душанбе, хиёбони Н.Қарабоев 60 | Яхшибекова Шарофат | Тел.: (+992) 93-530-39-94 |
| Беморхонаи маркази ноҳия | н.Рашт, кӯчаи Сомонӣ 14 | Фархуддинова Хубон | Тел.: (+992) 985-98-52-01 |
| Беморхонаи клиникаии вилоятӣ ба номи А.Воҳидов | ш. Бохтар, кӯчаи Дмитров | Шарипова Майдагул Саидмуродовна | Тел.: (+992) 918-69-45-64<br>8-32-22-23-063 |
| Таваллудхонаи шаҳрӣ | ш.Кӯлоб | Сидиқова Манзура | Тел.: (+992) 985-09-63-20 |
| Таваллудхонаи шаҳрӣ | ш.Хуҷанд, кӯчаи Минтақаи саноатии Шимолӣ Шарқӣ | Ҳасанова Наргис Мухторовна | Тел.: (+992) 926-00-95-54<br>8-34-22-55-460 |
| Беморхонаи маркази шаҳрӣ | ш.Гулистон, кӯчаи Истиқлол 117 | Негматова Уктамой | Тел.: (+992) 927-08-26-35<br>8-34-43-24-853 |
| Беморхонаи маркази шаҳрӣ | ш.Ваҳдат, кӯчаи 20-солагии Истиқлол | Гуломҳайдарова Л.Х. | Тел.: (+992) 93-526-69-00 |
| Беморхонаи маркази ноҳия | н.Шаҳритус, кӯчаи И.Сомонӣ 78 | Мирзоев Маҳмуд | Тел.: (+992) 93-420-05-07 |
| Беморхонаи маркази ноҳия | н.Панҷ, кӯчаи Рӯдакӣ 72 | Тураханова Екатерина | Тел.: (+992) 900-83-87-88 |
| Беморхонаи маркази ноҳия | н.Фархор, кӯчаи И.Сомонӣ | Раҳматуллоев Комилҷон | Тел.: (+992) 880-38-35-35 |

Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ОИЛА - ПОЯИ ДАВЛАТ АСТ



Зӯроварӣ дар асоси ҷинсият - ин поймол кардани ҳуқуқи занон, ба монанди ҳуқуқ ба зиндагӣ, ҳуқуқи ҳимояи баробар дар назди қонун, ҳуқуқи баробар дар оила ва ё ҳуқуқи ба сатҳи имконпазири солимии ҷисмонӣ ва равонӣ расидан аст.

19 марти соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ба имзо расид. Дар заминаи қонуни мазкур «Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014 -2023» қабул гардид.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» чор намуди амалҳои зӯроварӣ оварда шудааст;

**Зӯроварии ҷисмонӣ** дар оила - амали зиддиҳуқуқии як узви оила нисбат ба узви дигари оила дар натиҷаи барқасдона ворид кардани зарар бар саломатӣ тавассути истифодаи қувваи ҷисмонӣ мебошад;

**Зӯроварии психологӣ (равонӣ)** дар оила - амали зиддиҳуқуқии як узви оила нисбат ба узви дигари оила ба мақсади паст задани шараф ва иззати ӯ ва (ё) таҳдиди истифода аз зӯроварӣ мебошад, ки метавонад ба саломатии психологии он шахс зарар расонад.

**Зӯроварии ҷинсӣ** дар оила - амали барқасдонаи зиддиҳуқуқии як узви оила нисбат ба узви дигари оила мебошад, ки ба дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсии инсон таҳдид мекунад ва низ амалҳое, ки мақсади ҷинсӣ доранд ва нисбат ба ноболиғон истифода шудаанд;

**Зӯроварии иқтисодӣ (моддӣ)** дар оила - амали зиддиҳуқуқии як узви оила нисбат ба узви дигари оила ба мақсади маҳрум кардани ӯ аз

ОИЛА - ПОЯИ ДАВЛАТ АСТ

манзил, моликият ва воситаҳои дигар мебошад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷабрдида чунин ҳуқуқро пешбинӣ кардааст ва ҳамчунин маҳдудсозии дигар шароитҳои дахлдошта, ки метавонад боиси харобшавии саломатии ҷисмонӣ ё равонӣ (психикӣ) шавад ё дигар ҳолатҳои ногуворро ба вуҷуд оварад.

Вазорату идораҳо, ташкилот ва марказҳои офиятбахшӣ тибқи Дастурамал дар бораи ҳамкории субъектҳо оид ба зӯроварӣ дар оила фаъолият менамоянд.

Тоҷикистон мамлакати иштирокчии Конвенсияи СММ дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон ва дигар созишнома/шартномаҳои асосии муҳофизати ҳуқуқи инсон мебошад.

Нақшаҳои миллӣ оид ба рушди баробарҳуқуқии гендерӣ:

1. Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба барҳам додани табъиз нисбати занон барои солҳои 2019-2022;
2. Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳои давлатҳои аъзои Шурои Созмони Миллали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон тибқи расмиёти Шарҳи универсалии даврӣ барои солҳои 2017-2020;
3. Нақшаи милли амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ барои солҳои 2015-2020 муайян карда шудаанд, ки амалҳои баланд бардоштани дараҷаи фаҳмиши масъалаҳои ҷамъиятии баробарии гендериро ба мақсади решакан намудани қолабҳои гендерӣ дар оила ва ҷамъият пешбинӣ менамояд.

Маркази захиравӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ

ОИЛА - ПОЯИ ДАВЛАТ АСТ

ва масъалаҳои гендерӣ дар назди Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи ноябри соли 2018 дар натиҷаи ҳамкорӣ бо Ташкилоти Ҷамъиятии «Хазинаи



Авруосиёгии Осиёи Марказӣ – Тоҷикистон» фаъолият менамояд, ки дар самти боло бурдани сатҳи иттиллоотнокии занон ва устувории оила мурочиаткунандагонро бо машваратҳои равонию ҳукуқӣ ва иҷтимоӣ фарогир мешавнад. Занону духтарон ва мардон тариқи телефони «Боварӣ» 1313 ва ё сухбатҳои рӯ ба рӯ муроҷиат карда, роҳҳи ҳали мушкилоти хешро пайдо менамояд.

Ҳар дафъа пеш аз таҳқир намудани зане, ба ёдат ор, ки ӯ модар, зан ё хоҳари касе мебошад. Агар шоҳиди беҳурматӣ нисбати зан ё духтаре дар оила ва ё ҷои ҷамъиятӣ гардӣ, бетараф набош. Ба муносибати эҳтиромона нисбати занон ва духтарон ҳамроҳ шав!